# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ҳуқуқтатбиққунӣ яке аз марҳилаҳои асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳои Ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, бевосита дар ҳаёт табдил додани меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат мустаҳкам гардидаанд, мусоидат менамояд. Барои босамар дар ҳаёт татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ, аз ҷониби давлат механизми махсус таъсис дода мешавад, ки он аз маҷмуи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор иборат буда, бевосита танзим ва ҳифзи ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин менамоянд. Мақомоти прокуратура яке аз субъектҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ мебошад. Аз рӯзҳои ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҳуқуқтатбиққунӣ дар фаъолияти мақомоти прокуратура муҳимияти хосро касб карда, дар рафти амалӣ гардонидани он ҳолатҳои воқеии қонунвайронкунӣ мавриди ҷамъоварӣ, таҳлил ва баҳодиҳӣ ва муайян намудани меъёрҳои вайроншудаи қонун қарор гирифта, боиси қабули санадҳои асосноки татбиқи ҳуқуқ мегардад. Ҳуқуқтатбиққунӣ кори рӯзмарраи мақомот ба ҳисоб рафта, бо мақсади такмили фаъолияти прокуратура, ҳамчунин таъмини сифати мазмуни санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва механизми амалӣ гардонидани онҳо анҷом дода мешавад. Аз ин рӯ, омӯзиши назарияҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура хеле мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Набизода Набӣ Мирзонаим соли 1991 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1996 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Аз моҳи марти соли 1997 то ин ҷониб дар вазифаҳои гуногуни мақомоти прокуратура кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Дар боби якум – «Тавсифи умумии назариявии татбиқи ҳуқуқ дар фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби диссертант мафҳуми ҳуқуқтатбиққунӣ ва нақши мақомоти прокуратура дар низоми ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар боби дуюм - «Асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти мақомоти прокуратура ва санадҳои ҳуқуқтатбиққунии он» диссертант асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва санадҳои ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро омӯхта шудааст.

Дар боби сеюм - «Такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» диссертант ҳамкории самараноки мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-техникии такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва самтҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор кардааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда,

истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Мухтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Муовини саркотиби илмии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктор илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Нематов А.Р.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025
ш. Душанбе, кучаи Деҳотӣ
Тел: 992 93 112 11 88
E-mail: anematov@rambler.ru

Имзои Нематов А.Р.-ро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳо Т. Акрамзода

«14.» 11. 2025 с.

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
Телефон: 8 (992) 37221-49-33
Почтаи электронӣ: info@philosophy.tj Сомона: www.philosophy.tj